**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03, - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.**

Омӯзиш ва таҳқиқи мероси гузаштагон яке аз масъулиятҳои аввалиндараҷаи таърихи фалсафа ба шумор меравад. Дар ин масири пуртазод ва ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо таълимоти фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирони ҷаҳони пурғановати илм, махсусан асрҳои миёна аҳамияти хоса пайдо менамояд. Аз ин лиҳоз дарки дурусти ин мероси гаронарзиш, аз ҷумла омӯзиши таълимоти фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирон ба монанди: Арасту, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насриддини Тусӣ, Саъдии Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон ниҳоят муҳим мебошад.

Омӯзиши амиқи ахлоқи ҷавонон ва таҳлили мушкилоти марбут ба он на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад. Ҷомеаи тоҷик низ дар раванди гузариш ба ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дошта, ниёз ба тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавонро бештар эҳсос мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи ахлоқи ҷавонон дар ҷомеаи муосир барои таҳкими заминаҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа ва инчунин барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати беҳтарсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон хеле зарур ва саривақтӣ мебошад.

Абдуллоҳи Шабровӣ аз ҷумлаи чунин мутафаккироне мебошад, ки дар илми ахлоқ саҳми бағоят назаррас дорад. Мутафаккироне, ки то замони Абдуллоҳи Шабровӣ ба сар бурданд, вобаста ба идеологияи замони худ дар самти илми ахлоқ афкори иҷтимоӣ-ахлоқии хосро баён карданд. Хусусияти таълимоти ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар он аст, ки ӯ арзишҳои ахлоқиро ба ғояҳои тозаи худ баён мекунад ва дар илми фалсафа, ахлоқ ва ҷомеашиносӣ назари тозаи худро дорад.

Автореферати рисолаи номзадии Аминов Б.У. дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа, аз ҷумлаи ин гуна кӯшишҳои шоиста дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки муаллиф мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи мавзуи рисоларо дар чанд нуктаи муҳим нишон дода, зарурати таҳқиқи мавзуъҳои ахлоқиро, хосса дар ҷомеаи Тоҷикистон бо далелҳои муътамад собит месозад.

Диссертант қайд мекунад, ки шароити иҷтимоии замон ба мутафаккир имконият фароҳам овард, ки дар масъалаи ахлоқ ва тарбияи инсонҳо назари хоси худро ба вуҷуд орад. Зарурияти таҳқиқи осори пуарзиши Абдуллоҳи Шабровӣ, махсусан дар «Унвону-л-баён», бе баҳс аз он назар аст, ки осори ӯ на танҳо дар доираи илмии Тоҷикистон, балки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои мубрамият буда, таҳлилу таҳқиқи воқеъбинонаи «Унвону-л-баён» мавриди баҳси рисолаи мазкур гардидааст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқу ироаи навгонии илмии рисола ва нуктаҳои муҳиме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ ифода ёфтааст. Тарзи навишт ва таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби автореферат саҳми муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар баробари дастовард ва навгониҳо, дар матни автореферат камбудиҳое низ ба чашм мерасанд, ки бояд ба онҳо аҳамият дода мешуд:

1. Дар автореферат ҷанбаҳои мувофиқ ва мухолифи андешаҳои ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ бо мактабҳои ахлоқии Аврупои асрҳои миёна равшан нашудааст ва мебоист ба ин паҳлуи масъала аҳамият дода мешуд;

2. Тавсияҳои дар автореферат овардашуда такмил мехоҳанд ва бояд дар таҳқиқоти оянда ба назар гирифта шаванд.

Аммо, дар баробари камбудиҳои ҷойдошта автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф, мазмуни диссертатсияро пурра фаро гирифта, хулосаҳои муаллиф, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комилро ба вуҷуд меорад. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаҳои асосӣ ба эътимоднокии таҳқиқот меафзоянд.

Дар асоси далелҳои мазкур, автореферати диссертатсияи Аминов Б.У. дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. -Таърихи фалсафа ҳамчун амали мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. -Таърихи фалсафа мебошад.

**Тақриздиҳанда:** Мудири шуъбаи
масъалаҳои фалсафии дини Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови АМИТ, н.и.ф., дотсент Қурбоншоев И.Ҷ.

**Суроға:** 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский, бинои 70/2, ҳуҷраи 203
Тел.: (+992) 935-67-67-20
E-mail: ilhom6767@gmail.ru

Имзои Қурбоншоев И.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам,
нозири шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдурахмонзода Б.

**Суроғаи муассиса:** 734025 шаҳри Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рӯдакӣ 33,
Тел.: (+992-37) 221-07-28
E-mail: bogigul2000@mail.ru
30 майи соли 2025.